“Тасдиқ мекунам”
Ректори Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент
Профессор Ансорӣ М. Қ.
_______________
«_13__» _ноябри__2020

**Тақриз**

**ба диссертатсияи Ғаниева Малика Абдуқодировна дар мавзӯи “Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи санъати тасвирӣ дар раванди таҷрибаомӯзии пленэрӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогика, аз рӯи ихтисоси 13.00.02- Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (санъати тасвирӣ) (илмҳои педагогӣ)**

Баробар ба таҳаввулоти сиёсиву иҷтимоӣ ва маънавӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон вазъи илмиву фикрӣ ва фарҳангӣ низ рӯ ба рушд дорад. Маориф дар ҳамаи давру замон нерӯи пешбарандаи ҷомеа ба шумор рафта, махсусан муҳаққиқону омӯзгорони асил дар андешаи онанд, ки шогирдони мактабро ба зиндагии мустақил омодаву равона созанд. Дар қиболи ин равандҳои пешқадам илми педагогика аз ҳама роҳу равиш соҳиби арзишҳои муайян, тамоюли тоза ва вежагиҳои хос мегардад, ки ин навҷӯиву навовариҳо дар корҳои илмӣ ва дастовардҳои олимон барҷаста ҷилвагар мегардад.

Дар низоми маориф муносибати салоҳиятнокӣ маҳз ба ҳамаи мазмун ва ҷабҳаҳояш самтҳои асосии раванди навгониро инъикос менамояд. Таҳқиқу баррасии илмии мақоми ин тамоюли муҳими таълимӣ яке аз самтҳои меҳварии корҳои илмӣ- тадқиқотии соҳа дар марҳилаи нав ба шумор меравад. Аз ин рӯ, рисолаи номзадии Ғаниева Малика Абдуқодировна аз ҷумлаи тадқиқоте мебошад, ки масъалаи

салоҳиятнокии педагогии омӯзгорони оянда санъати тасвирӣ ва муаммоҳои мубрами алоқаи муносибат бо фанни санъати тасвирӣ дар раванди таҷрибаомӯзии плэнерӣ дар маркази таваҷҷӯҳ ва таҳқиқоти рисола қарор гирифтааст. Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Ҳаҷми асосии диссертатсия 194 сафҳаи компютерӣ буда, бо номгӯи адабиёт ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда шуда, аз 24 расму 19 ҷадвал иборат аст.

Дар муқаддима, зарурати таҳқиқу баррасии мавзӯъ, мубрамияти он, омӯхта шудани муаммоҳои асосӣ, мақсад ва вазифаҳо, навовариҳои илмӣ, сарчашмашиносӣ ва методолияи тадқиқот муқаррар ва муайян гардида, матолиби меҳварии барои дифоъ манзуршаванда инъикос гардидаанд.

Диссертант барои ноил шудан ба ҳадафи хеш ҳалли вазифаҳои зеринро дар меҳвари баррасиҳои илмии хеш қарор додааст:

1) Муайян кардани шароитҳои педагогие, ки ба ташаккули салоҳиятнокии педагогӣ ва тасвиркашӣ мусоидат мекунанд;

2) Таҳия намудани усулҳое, ки наздик кардани вазифаҳои таълимии донишҷӯёни факултети СТ ва Т ба вазифаҳои касбии омӯзгори санъати тасвириро мусоидат мекунанд;

3) Таҳия намудани низоми талаботҳои баҳогузорӣ ва сатҳҳои ташаккули салоҳиятнокиҳои педагогӣ ва тасвиркашии донишҷӯёни факултети СТ ва Т бо назардошти донишу малакаҳое, ки ба донишҷӯ дар ҳалли вазифаҳои таълимӣ ва бадей-педагогӣ заруранд;

4) Таҳияи модели методии ташаккули салоҳиятнокиҳои педагогӣ ва тасвиркашии донишҷӯёни факултети СТ ва Т дар асоси усулҳои контекстӣ (матнӣ) ва амалӣ дар таълим.

Диссертант ҳангоми навиштани кори худ ба тадқиқоти олимони соҳаи педагогӣ, машғулиятҳои плэнерӣ ва мероси бадеии устодони жанри манзараи хориҷиву ватанӣ такя намудааст.

Боби аввали рисола “Асосҳои назариявии касбӣ дар ташаккули салоҳияти омӯзгорони ояндаи санъати тасвирӣ” унвон дошта, муҳимтарин меҳварҳои таҳқиқии он дар се фасл баррасӣ шудаанд.

Диссертант дар фасли аввали боби якум, ки “Асосҳои психологӣ-педагогии салоҳияти касбии омӯзгори ояндаи санъати тасвирӣ” унвон гирифтааст, фикру ақидаҳои хешро бо далелҳо чунин қайд мекунад: “Аз рӯи натиҷаҳои мушоҳидаҳо ва таҳлили фаъолият омӯзгор тибқи категорияҳои баҳогузории фаъолнокии омӯзишӣ метавонад сатҳи завқи омӯзишии донишҷӯро муайян кунад ва ҳангоми зарурат ба раванди таълим таҳрирҳоро ворид созад.

Фаъолнокии омӯзишӣ чун ҳодисаи психологӣ метавонад зери таъсири омилҳои гуногун тағйир ѐбад ва ин оид ба зарурати ташаккули тавсифҳои устувори шахсият нисбати фаъолияти касбӣ (сабабнокӣ, қарорҳо, самтгузорӣ) дар донишҷӯѐни факултети СТ ва Т шаҳодат медиҳад. Ҳама гуна шакли фаъолнокӣ туфайли сабабнокӣ, қарорҳо, самтгузорӣ, инчунин мақсади бошуури фаъолият фаъол мегардад”

Дар фасли дувум, ки “Ташакули салоҳияти омӯзгорони ояндаи санъати тасвирӣ” номгузорӣ шудааст, диссертант нуқтаи назари равоншиносӣ ва педагогикаи масъалаи ташаккули салоҳиятҳои шахсият, ақидаҳои асосии назариявии ташаккули касбии шахсият ва раванди ташаккули салохиятҳои педагогӣ ва тасвиркашии донишҷӯѐни СТ ва Т зимни фаъолият дар плэнер баррасӣ ва масъалагузорӣ намудааст.

Дар фасли сеюми рисола “ Модели методии салохиятнокии омӯзгорони санъати тасвирӣ дар плэнер (хавои кушод)” бошад муҳаққиқ усулҳои муосири омӯзиш барои таҳқиқ намудани ҳодисаҳои воқеият тавассути усулҳои омӯзиши интихобӣ, бидуни омӯзиши ҳамаи ҳолатҳо имкон медиҳад баррасӣ намуда, пиромуни яке аз чунин усулҳо, усули моделсозӣ, вазифа ва роҳҳои он маълумотҳои дақиқ барои омӯзгорони

ояндаи санъати тасвирӣ нишон додааст. Бо мақсади ташаккули салоҳиятнокиҳои тасвиркашӣ ва педагогии донишҷӯёни факултети СТ ва Т дар плэнер модели методӣ дар асоси хусусиятҳои фаъолияти омӯзгори санъати тасвирӣ таҳия шудааст, ки ба раванди таълим дар плэнер ворид намудани унсурҳои фаъолияти касбӣ-фанниро бо мақсади гирифтани натиҷаҳои баланди таълим ва ташаккули салоҳиятнокиҳои тасвиркашӣ ва педагогии донишҷӯёни факултети СТ ва Т таъмин менамояд. Мақсади таҷрибаи таълимии плэнер - ташаккули омӯзгори санъати тасвирӣ аз сатҳи назариявӣ ва амалӣ омодашуда, нисбати фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ ва фаъолияти мустақилонаи эҷодӣ мебошад.

Боби дуюми рисола " Марҳилаҳои тадқиқот оид ба амалӣ гардидани модели салоҳиятнокӣ дар плэнер (ҳавои кушод)" номгузорӣ шуда, аз се фасл иборат мебошад.

Фасли аввал "Муайян кардани мақсади интихоби касб ва сатҳи ибтидоии ташаккули салоҳиятнокии рассомӣ ва педагогии донишҷӯён (марҳилаи муқарраркунанда)" мебошад, ки дар ин фасл муҳаққиқ сатҳи омодагӣ ва омодашавии донишҷӯёни ин соҳа, маҳорат ва малакаи эшон, гирифтани таҷрибаи бадеӣ-педагогӣ ва худтакмилдиҳии донишҷӯёнро дар ин фасл мавриди таҳқиқ қарор дода, бо донишҷӯёни ин соҳа бо мақсади худбаҳогузории сатҳи салоҳиятнокиҳои бадеӣ-педагогии донишҷӯён ба саволи пурсишнома: «Шумо салоҳиятнокиҳои худро нисбати фаъолияти бадеӣ-педагогӣ чӣ тавр баҳогузорӣ мекунед?» корбарӣ мекунад, ки дар ҷадвали 2.13. ва пурсишномаи 3 нишон додааст.

Фасли дувум "Назорати талаботҳои баҳогузории фаъолияти таълимии донишҷӯёни факултетҳои санъати тасвирӣ ва марҳилаи ташаккулдиҳандаи таҳқиқоти озмоишӣ" унвон гирифтааст, ки дар ин

фасл натиҷаҳои татқиқот тавассути ҷадвалҳо баҳогузорӣ гардидаанд ва мухаққиқ дар бораи назорат ва намудҳои он маълумот додааст.

Дар заминаи ҳадафҳои таҳқиқот дар марҳилаи ташаккулдиҳанда

диққати асосӣ ба ҳалли вазифаҳои зерин равона карда шудааст:

1) ташаккул додани сатмгузории донишҷӯёни факултети СТ ва Т барои азхудкунии касб;

2) ташаккул додани салоҳиятҳои нокифояи омӯзгори санъати тасвирӣ дар донишҷӯёни факултети СТ ва Т ҳангоми тасвиркашӣ дар плэнер.

Диссертант дар ин фасл ҳолату роҳҳои хубтар ташаккул додани салоҳиятнокиҳои бадеӣ – педагогии донишҷӯёнро нишон додааст.

Дар фасли севум " Марҳилаи ташаккулдиҳандаи таҳқиқоти озмоишӣ, натиҷаҳои озмоиш ва таҳлили онҳо" унвон гирифта , вобаста ба мақсади таҳқиқот дар марҳилаи ташаккулдиҳанда диққати асосӣ ба ҳалли вазифаҳои зерин равона гардидааст:

1) аз ҷониби донишҷӯён гирифтани таҷрибаи бадеӣ-педагогӣ;

2) ташаккули талабот дар худтакмилдиҳии доимии касбӣ;

3) ташаккули салоҳиятнокиҳои бадеӣ-педагогӣ.

Дар хулосаи рисола муҳимтарин натиҷаҳои аз тадқиқоти анҷомдодаи диссертант бадастомада дар шаш банд баён шудаанд.

Дар ҷараёни таҳкиқоти диссертатсионӣ аз рӯи мавзӯи мазкур роҷеъ ба асоснокӣ ва татбиқи масъалаҳои мавриди назар ҳангоми таълими машғулиятҳои плэнерӣ ва методикаи таълими он дар мисоли муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ҳадаф ва масъалаҳои гузошташуда комилан инъикос ёфтаанд, ки дар хулоса натиҷаҳои зерин ҳосил шуданд:

- мазмуну мундариҷа ва нақшу мавқеи мавод дар мисоли ҷараёни таҷрибаомӯзӣ муайян гардидааст;

- ниҳоят маҷмӯи натиҷаҳои дар ҷараёни таҳқиқоти назариявию амалӣ ҳосилшуда доир ба методикаи таълими таҷрибаомӯзӣ хулосаҳои зерин натиҷабардорӣ шудааст:

1. Таъсири истифодаи самараноки маводҳои тартибдодашуда барои донишҷӯён аҳамияти илмию методӣ дорад;

2. Дар таҳкиқот собит гардидааст, ки методҳои истифодашуда шавқу рағбати донишҷӯёнро нисбати дарс афзун мегардонад.

Натиҷаи таҳқиқот метавонад ҳамчун маводи таълимӣ ҳангоми таълифи китобҳои дарсӣ, нақшаҳои таълимӣ, дастурҳои таълимӣ барои донишгоҳҳои тамоюли педагогӣ истифода карда шавад.

1. Ҷанбаҳои методию таълимӣ оид ба мавзӯи таҳқиқгардида метавонад ҳамчун маводи пажӯҳишӣ барои магистрону аспирантон ва докторантон истифода шавад.

2. Маводи рисола ҳангоми навиштани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва монографияҳо роҷеъ ба методикаи таълими санъати тасвирӣ хизмат мекунад.

3. Натиҷаи таҳқиқоти мазкурро омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми хондани лексияҳо истифода карда метавонанд.

4. Бо мақсади такмил ва ташаккули самаранокии методи таълими санъати тасвирӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тавсияи курсҳои махсуси марбут ба мавзӯи мазкур пешниҳод карда мешавад.

Дар маҷмӯъ, рисола бар асоси ба кор гирифтани сарчашмаҳои нодир, осори назарии таҳқиқӣ, аз ҳама муҳимтар фарогирии рисола мақолаҳои муҳими илмӣ ба қалам омадааст.

Тадқиқоти анҷомёфтаро воқеан метавон як пажўҳиши тоза дар илми педагогика унвон кард, зеро бори аввал дар он муаммоҳои муҳими фанни педагогика дар робита ба салоҳиятнокӣ таҳқиқу баррасӣ шудааст.

Дар баробари ин дастовардҳо дар рисола чанд камбудиҳо ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба салоҳи кори муаллиф аст.

1. Дар феҳристи адабиёти рисола бархе аз сарчашмаҳо ба пуррагӣ оварда нашудаанд.
2. Ҳангоми нишон додани расм ва ҷалвалҳо тартиби рақамгузорӣ нодурст ба роҳ монда шудааст. Хуб мешуд барои саҳеҳияти кор онҳо ба тартиб оварда шаванд.
3. Ба назари мо, хулосаҳои илмии рисола такмил мехоҳанд, зеро нисбат ба талаботи таълифи диссертатсияҳо камтар ба назар мерасанд.
4. Дар қисми замимаҳо замима оид ба тавсифи умумии ихтисос ва ҳам расм дар як замима нишон дода шудааст, хуб мешуд агар онҳо дар алоҳидагӣ дода шаванд.
5. Дар рисола ғалатҳои имлоиву техникӣ рух додаанд.

Албатта ин камбудиҳо ҷузъӣ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиш ва аҳамияти диссертатсияро коҳиш намедиҳанд ва қурби корро коста намегардонанд. Ба таври умум, метавон таъкид дошт, ки диссертатсияи Ғаниева Малика Абдуқодировна дар мавзўи **“Ташаккули салоҳиятнокии омўзгорони ояндаи санъати тасвирӣ дар раванди таҷрибаомўзии плэнерӣ”** ба асоси меъёрҳои муқаррарнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгў буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рўи ихтисосӣ 13.00.02- Назария ва методикаи омўзишу парвариш ( санъати тасвирӣ) (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Автореферат ва китобу мақолаҳои нашр намудаи диссертант муҳтавои диссертатсияро ифода карда метавонанд.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда дар ҷаласаи кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент аз 13 ноябри соли 2020 таҳти қарори рақами 4 бо иштироки диссертант муҳокима гардид:

Иштирок доштанд: 15 нафар

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 15 нафар, зид 0, бетараф 0:

Раиси ҷаласа, номзади илмҳои филологӣ, дотсент: Ғаффоров М.Ҷ.

Эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент: Мақсудов З.О.

Котиби ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент: Сироҷзода Ф.С.

Имзои Ғаффоров М., Мақсудов З. ва Сироҷзода Ф. С.-ро тасдиқ менамоям,

сардори шуъбаи кадр: Тоҳирова Умеда

Нишонӣ: 735500, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Вилояти Суғд, шаҳри Панҷакент, кӯчаи хиёбони Рӯдакӣ, 106
Тел.: +(9923475)54050
E-mail: tou@bk.
www. Dotpan.tj